# ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-003 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮЙИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМ

**Парвандаи аттестатсионии № ___**
**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 06.07.2024, протоколи № 79**

Барои сазовор донистани Холов Абдулҳамид Мирзомадович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.

Диссертатсияи Холов Абдулҳамид Мирзомадович дар мавзуи «Таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар маводи хоҷагиҳо ва корхонаҳои агросаноатии вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз санаи 27 апрели соли 2024, бо суратҷаласаи №68а Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, маҳаллаи Буни Ҳисорак), ки дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2021, таҳти №350 таъсис дода шудааст, барои ҳимоя қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Холов Абдулҳамид Мирзомадович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, 24 декабри соли 1994 таваллуд шудааст. Соли 2018 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси иқтисод ва идораи комплекси агросаноатӣ бо муваффақият хатм намудааст. Аз соли 2018 то ҳол дар вазифаи ассистенти кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ: Тағоев Ҷамахон Ҳамроевич** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи иқтисод ва идораи комплекси агросаноатии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Сафоев Абдумаҷид Каримович -** доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкории Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

**Якубзода Маъруф Садруддин -** доктори (PhD) аз рӯйи ихтисоси молия, дотсенти кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон;

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, дар тақризи мусбати худ, ки аз тарафи мудири кафедраи молия ва қарз дар КАС, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Бобоев А.А. навишта шудааст, дар ҷаласаи васеъи кафедраи молия ва қарз дар КАС-и Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур аз 15 июни соли 2024, суратҷаласаи № 11 баррасӣ гардида, аз тарафи Ректори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор, узви вобастаи АИКТ Маҳмадёрзода У.М. аз 17 июни соли 2024 тасдиқ шудааст.

Муассисаи пешбар дар тақризи худ қайд кардааст, ки аҳаммияти илмии таҳқиқот дар аз он аст, ки натиҷаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои дар кори диссертатсионӣ бадастомада барои рушди ҷараёнҳои сармоягузории хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС-и ҷумҳурӣ ва минтақаи Хатлон асосҳои усулӣ ва амалӣ хоҳанд гашт. Хулосаҳои пешниҳодкардаи муаллиф имконият медиҳанд, ки донишҳои илмӣ оид ба таъмин ва истифодаи самараноки *сармоягузориҳои* хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС-и ҷумҳурӣ, аз ҷумла вилояти Хатлон баҳодиҳӣ ва дурнамоӣ карда шаванд.

Диссертатсияи Холов Абдулҳамид Мирзомадович ҳамчун кори илмии ба анҷомрасида маҳсуб ёфта, таркиб ва сохтори он бо тавсияву асосноккунӣ дар сатҳи баланди илмӣ-назариявӣ навишта шудааст. Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он инъикос меёбад, ки натиҷаҳои таҳқиқотро корхонаҳои КАС-и ҷумҳурӣ ва мақомоти минтақавӣ ва маҳаллии ҳокимияти иҷроияи давлатӣ, аз ҷумла дар вилояти Хатлон метавонанд ҳангоми асосноккунии таъмини рушди ҷараёнҳои сармоягузориҳои хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС истифода баранд.

Диссертатсияи Холов Абдулҳамид Мирзомадович дар мавзуи «Таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар маводи хоҷагиҳо ва корхонаҳои агросаноатии вилояти Хатлон)» бо талаботи бандҳои 31-37 "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ ва ҷавогӯй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

Автореферат ва мақолаҳои илмии ба табърасидаи унвонҷӯ таркиб ва муҳтавои асосии диссертатсияро дарбар гирифта, натиҷаҳои таҳқиқотро ҳамчун дастоварди нави илмӣ ҳисобидан мумкин аст.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия:**

**А) Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудааст:**

[1-М]. Холов А.М. Мафҳум ва моҳияти иқтисодии сармоягузорӣ ва маблағгузориҳои асосии корхонаҳои агросаноатӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон -Душанбе, 2020. - №1(328). -С.45-51.

[2-М]. Холов А.М. Хусусиятҳо ва принсипҳои ба рушди фаъолияти сармоягузории корхонаҳои КАС таъсирбахш [Матн] / Холов А.М., Тағоев Ҷ.Ҳ. // Кишоварз -Душанбе, 2020. - №3(259). -С.166-173.

[3-М]. Холов А.М. Тамоюлоти рушди равандҳои сармоягузорӣ дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ, буриши минтақаҳо ва соҳаҳои он [Матн] / Холов А.М., Тағоев Ҷ.Ҳ. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон-Душанбе, 2022. - №6(317).- С.22-30.

[4-М]. Холов А.М. Баҳодиҳии ҳолати сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар истеҳсолоти агросаноатии вилояти Хатлон [Матн] / Холов А.М.// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон -Душанбе, 2024. - №1. - С.173-183.

**Б) Интишорот дар дигар маҷаллаҳои илмӣ:**

[5-М]. Холов А.М. Сармоягузориҳо ва маблағгузориҳои асосӣ дар кишоварзӣ: тавсиф ва таснифот [Матн] / Холов А.М., Тағоев Ҷ.Ҳ. /Конф. байнал. илмию амалӣ дар мавзуи «Саноатикунонии кишвар ва таъмини рушди босуботи иқтисодиёт», (27.02.2020). -Душанбе, 2020. -С.516-522.

[6-М]. Холов А.М. Омилҳои ба рушди фаъолияти фаъолияти сармоягузории корхонаҳои агросаноатӣ таъсирбахш [Матн] / Холов А.М., Тағоев Ҷ.Ҳ. / Конф. байнал. илмию амалӣ дар мавзуи «Амалисозии ҳадафҳои рушди устувор: таҷрибаи хориҷӣ ва миллӣ», (13.10.20.). -Душанбе, 2020. -С.255-261.

[7-М]. Холов А.М. Усулҳои арзёбии самаранокии иқтисодии истифодаи сармоягузориҳо ба сармояи асосии корхонаҳои КАС [Матн] / Холов А.М., Тағоев Ҷ.Ҳ. // Тоҷикситон: иқтисод ва идора. -Душанбе, 2021. - №3. (147). -С.27-38.

[8-М]. Холов А.М. Арзёбии иқтисодии сохторҳои сармоягузориҳо дар ҷумҳурӣ [Матн] / Холов А.М., Тағоев Ҷ.Ҳ. / Конф. ҷумҳур. илмию амалӣ дар мавзуи «Ташаккули низоми идоракунии давлатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт», (25.02.22.). -Душанбе, 2022. -С.56-67.

[9-М]. Холов А.М. Таҳлили ҳолати сармоягузориҳо дар КАС-и вилояти Хатлон [Матн] / Холов А.М., Тағоев Ҷ.Ҳ. /Маводи конф.байнал. илмӣ-

назариявӣ дар мавзуи «Рушди низоми бонкӣ ва рақамикунонии бахши молиявӣ,(ш. Кӯлоб, 18/19.12. 2023).- ш.Кӯлоб, 2023. – С.516-529 (839саҳ.).
[10-М].Холов А.М. Арзёбии заминаҳои саноатикунонӣ дар истеҳсолоти агросаноатии Вилояти Хатлон [Матн] / Холов А.М., Тағоев Ҷ.Ҳ. / Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Масоили муҳими таъмини амнияти иқтисодии Тоҷикистон ва кишварҳои ҷаҳон дар шароити муосир», (Кӯлоб, 9 /10.06.23). -Душанбе: ҶДММ «Офсет», 2023. - С.708-716 (718 с.).

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳо ворид шудаанд:**

1. **Мирсаидов Саидакмал Аброрович** – д.и.и., профессори кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо чунин эрод: а) Дар қисмати асосии таҳқиқотии автореферат хусусиятҳо ва асосҳои назариявии мавзуъ нокифоя тавзеҳ дода шудааст.
2. **Файзуллоева Каромат Наврусовна** – н.и.и., ходими пешбари илмии шуъбаи омӯзиши равандҳои кластеркунонӣ дар КАС-и Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ, бо чунин эродҳо: а) Дар автореферат ба масъалаҳои ҷолибияти сармоягузорӣ ба корхонаҳои агросаноатӣ диққат дода нашудааст; б) Дар автореферат баъзе хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ дида мешаванд.
3. **Ризозода Тӯра Рабим** – д.и.и., профессор, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмиллалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (ДДҲБСТ), бо чунин эрод: а) Унвонҷӯ қайд намудааст, ки дар рисола корхонаҳои саноати хӯроквории вилояти Хатлон аз нигоҳи дар онҳо ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ таҳқиқ шудаанд, аммо дар автореферат оиди самаранокии ин технологияҳои татбиқшуда таҳлили муайяне сурат нагирифтааст.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии Шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувори онҳо дар доираи таҳқиқи масъалаҳои таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар маводи хоҷагиҳо ва корхонаҳои агросаноатии вилояти Хатлон), мавҷудияти интишороти онҳо дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсии муқарризон барои пешниҳоди тақриз тасдиқ шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур дар

самти таҳқиқоти илми дахлдор шинохташуда буда, имконоти баҳои воқеӣ додан ба арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро дорад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси таҳқиқоти илмӣ:**

- ***коркард карда шуд:*** самтҳо ва роҳҳои рушди таъмини молиякунонии равандҳои сармоягузории саноатикунонии иқтисодиёти кишвар, аз ҷумла танзими давлатии сармоягузориҳо, маблағгузориҳо барои таҷдиди сармояи асосии хоҷагиҳо ва корхонаҳои комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ, хусусан вилояти Хатлон бо назардошти таҷрибаи мамолики дорои сектори аграрии рушдкарда асоснок, коркард ва арзёбӣ шуданд.

- ***пешниҳод шудааст, ки*** фароҳам овардани фазои мусоид барои сармоягузорӣ ва мусоидат дар ҷалби сармоягузорон бо мақсади таъмини молиякунонии сармоягузориҳои саноатикунонӣ, тақвияти фаъолияти инноватсионӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ ва коркарди маҳсулоти кишоваорзӣ ва ҷорӣ намудани маҷмуи тадбирҳо ҷиҳати таъмини рақобатпазирӣ ва сифати маҳсулот, зиёд намудани номгӯй ва истеҳсоли намудҳои нави маҳсулот, такмили сохтор, таҷдид ва азнавтаҷҳизонии техникии корхонаҳои амалкунанда зарур мебошанд;

- ***исбот шудааст***, ки айни замон ҳолати кунунии фаъолияти сармоягузорӣ ба сармояи асосии хоҷагиҳо ва корхонаҳои сектори аграрӣ ва умуман раванди таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонӣ дар доираи КАС-и ҷумҳурӣ ва минтақаи мавриди таҳқиқ дар баробари мавaффақиятҳо дорои камбудиҳо низ мебошанд, ки муҳимтарини онҳо камчинии ҳаҷми сармоягузориҳо ва ғайримақсадноку ғайрисамаранок истифода шудани онҳо маҳсуб мёбанд, аз ҷумла вазъи бакордарории фондҳои асосӣ дар сектори аграрӣ ташвишовар баҳодиҳӣ гардидаанд;

- ***асоснок карда шудааст***, ки таъмини молиякунонии сармоягузориҳо, бахусус лоиҳаҳои сармоягузорӣ бо назардошти истифодаи самараноки сарчашмаҳои молиявии худӣ, ҷалбшуда ва қарзӣ, дар қаринаи ҷорисозии инноватсияҳо дар хоҷагиҳо ва корхонаҳои агросаноатии ҷумҳурӣ, аз ҷумла дар вилояти Хатлон ба рушди саноатикунонии босуръат мусоидат мекунанд;

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо инҳо асоснок карда шудааст:**

- ***исбот карда шудааст***, ки дар илми иқтисодиёти ватанӣ то кунун атрофи масъалаи таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонӣ дар доираи хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС-и ҷумҳурӣ, аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ таҳқиқоти мукаммал анҷом дода нашудааанд. Дар диссертатсияи мазкур асосҳои назариявию методологии сармоягузориҳо тақвияту тавсеа дода шуданд, аз ҷумла мафҳум ва моҳияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва усулҳои сармоягузориҳо, бахусус сармоягузориҳо ба сармояи асосии хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС ва

нақши онҳо дар рушди истеҳсолоти агросаноатӣ муайян ва мукаммал гардонида шуда, коркардҳои муаллифӣ таҳия карда шудаанд;

- ***усулҳои муосири*** таҳқиқи ҷараёнҳои сармоягузориҳоро дар хоҷагиҳо ва корхонаҳои агросаноатӣ, аз ҷумла усулҳои мафҳумию мантиқӣ, монографӣ, ҳисобию конструктивӣ, сотсиологӣ, анализу синтез, ва иқтисодию оморӣ мавриди ҳалли вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда истифода шудаанд;

- ***баён шудани*** равишҳои баҳодиҳии самаранокии иқтисодии сармоягузориҳои реалӣ собит сохтанд, ки принсипҳои асосии баҳодиҳии самаранокии иқтисодии сармоягузориҳо(бо назардошти афзорҳои молиявии сармоягузориҳо) дар доираи усулҳои давлатҳои пешқадам истифодашаванда инҳоянд: таҳлил ва баҳисобгирии вазъи молиявии корхонаи талабгори сармоя; дараҷаи боваринокӣ бо фаъолияти касбии роҳбари корхона; баҳисобгирии ҷараёни ҳаракати маҳсулот, захираҳо ва маблағҳои пулӣ; муайянкунии самаранокии иқтисодии истифодаи сармоягузориҳои ба сармояи асосӣ тавассути нишондиҳандаҳои дисконтиронидашуда; ба як фосилаи вақт овардани ҳам даромадҳо ва ҳам хароҷотҳои корхона аз фаъолияти сармоягузорӣ, яъне дисконтиронии нишондиҳандаҳо; баҳисобгирии дараҷаи таваррум, усули истеҳлок ва дигар омилҳои ба арзиши сармояи истифодашаванда таъсирбахш; ба инобат гирифтан ва баҳисобгирӣ кардани номуайяниҳо ва хатарҳое, ки ба амалигардонии лоиҳаҳои сармоягузорӣ таъсир мерасонанд.

- ***ошкор карда шудааст,*** ки хусусиятҳо ва омилҳои ба фаъолияти сармоягузорӣ таъсирбахш, ҳамчунин ба таъмини саноатикунонии босуръати корхонаҳои КАС, аз ҷумла ба сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ ва вазъи фондҳои асосии онҳо таъсири манфӣ мерасонанд. Дар рисола омилҳои макроиктисодӣ, микроиқтисодӣ, объективӣ, субъективӣ таҳқиқ гардида, таснифоти омилҳои ба фаъолияти сармоягузории корхонаҳо таъсирбахш дар шакли схемавӣ коркард шудааст;

- ***омӯзиши*** асосҳои назариявӣ ва амалии таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонӣ дар доираи хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС-и ҷумҳурӣ нишон дод, ки мавриди коркарди сиёсати сармоягузорӣ корхонаҳо принсипҳои ба фаъолияти сармоягузорӣ таъсирбахшро ба назари этибор мегиранд. Ба инобат гирифтани онҳо ба босуботӣ, истифодаи мақсаднок ва самаранокии сармоягузориҳои корхонаҳо ва ташкилотҳои КАС мусоидат мекунанд. Дар ин радиф диссертант принсипҳои ба фаъолияти сармоягузории корхонаҳои агросаноатӣ таъсирбахшро бо назардошти муҳиммияташон ба гурӯҳҳо ҷудо намудааст. Баъзе аз ин принсипҳоро

бунёдӣ, баъзе дигарро иловагӣ ва гурӯҳи сеюмро бозорӣ номгузорӣ намудааст.

- ***аз нав такмил додани*** механизми рушди равандҳои инвеститсионӣ ва инноватсионӣ, аз ҷумла таъмини сармоягузориҳои саноатикунонии хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС-и ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлон ба инобат гирифтани афзорҳои сиёсати истеҳлокӣ ва молиявиро дар пасманзари таъмини амнияти озуқавории кишвар тақозо дорад, ки дар ин радиф дар рисола матрисаи тавсияю пешниҳодоти илман асоснокшуда коркард шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад:**

- ***коркард ва ҷорӣ карда шуд:*** натиҷаҳои асосии таҳқиқотии диссертатсия дар фаъолияти Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, КВД "Тоҷинвест" (маълумотномаи №14/1-6/104 аз 15.01.2024) ва дар ҷараёни таълим дар Донишгоҳи милии Тоҷикистон (маълумотномаи №51-1/8с аз 15.01.2024) истифода шудаанд;

- ***муайян карда шуд,*** ки вобаста ба имкониятҳо хусусиятҳои хоси иқтисодиёти миллӣ, шароитҳои табиӣ-иқлимии соҳаи кишоварзӣ ва сиёсати аграрии ҳукумати кишвар баъзе аз ин таҷрибаҳои пешқадам таъмини молиякунонии сармоягузориҳо дар ҷумҳурии мо низ амалӣ шуда истодаанд: ҷалби сармоягузорони хориҷиву ватанӣ дар доираи МОИ; имтиёзҳо барои корхонаҳои парандапарварӣ; ба муддати 1 сол аз андози замин озод карда шудани кишоварзон; имтиёзҳои гумрукӣ барои корхонаҳои кишоварзӣ ва агросаноатӣ, ки *техникаи таъиноти кишоварзӣ, таҷҳизоти истеҳсолию технологӣ ва маснуоти такмилии маҷмуи ягонаи технологиро ворид менамоянд;* то 7 номгӯй кам карда шудани андозҳо дар Кодекси нави андози ҶТ; истифодаи лизинг барои барқарор кардани БМТ хоҷагиҳо ва корхонаҳои кишоварзӣ; имтиёзҳои гумрукӣ барои ворид намудани технологияи муосир ва маводи озуқа барои моҳипарварӣ ва ғ.

- ***таҳия карда шуд:*** дар рисола матрисаи имконияти истифодаи таҷрибаи хориҷӣ оид ба ҷалб, имтиёзҳо, усулҳои арзёбии истеҳлоки ФАИ ва дигар афзорҳои таъмини сармоягузориҳои саноатикунонии хоҷагиҳо ва корхонаҳои агросаноатӣ, ки аз омӯзишу таҳқиқи таҷрибаи мамолики хориҷӣ таҳия шудааст ва муаллиф тавсия намудааст, ки амалигардии нуктаҳои асосии матрисаи мазкур натиҷаҳои назаррас ба бор меоваранд;

- ***муаррифӣ карда шуд:*** дар таҳқиқоти мазкур муаллиф корхонаҳои саноати хӯроквории вилоят, аз ҷумла минтақаи Кӯлобро аз нигоҳи ҷорӣ намудани инноватсия мавриди баррасӣ ва натиҷагирӣ қарор дода, дар

маҷмуъ 115 корхонаҳо дар мавриди ҷори намудани технологияи инноватсионӣ таҳқиқ намуда, дар маҷмуъ сатҳи ҷоришавии инноватсияҳоро дар онҳо дар 5 соли охир баҳогузорӣ кардааст, ки тарзу усули арзёбии ин амал метавонад барои баҳодиҳии раванди таъмини сармоягузории фаъолияти инноватсионии корхона ва хоҷагиҳои минтақаи мазкур истифода шавад,

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон дод, ки:**

- ***назарияи таҳқиқ*** дар заминаи таҳқиқотҳои бунёдии илмии муҳаққиқони классики илми иқтисодиёт, таҳқиқотҳои донишмандони ватанӣ ва хориҷӣ, аз он ҷумла олимони рус дар бахши таъмини молиякунонии сармоягузориҳои рушди саноатикунонии босуръат дар заминаи инноватсияҳо, дар доираи хоҷагиҳо ва корхонаҳои агросаноатӣ бунёд шудааст;

- ***ғояи*** таҳқиқот дар асоси дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, барномаву консепсияҳои давлатии соҳавию байнисоҳавӣ дар самти таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонии иқтисодиёт, маводҳои маҷаллаҳои махсуси соҳавӣ, инчунин маълумоти маводи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок шудааст;

- ***аслият ва навгониҳои*** натиҷаҳои таҳқиқот оид ба таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонии иқтисодиёт дар мисоли хоҷагиҳо ва корхонаҳои агросаноатии вилояти Хатлон бо далелҳои мушаххас аз фаъолияти муассисаҳои зикршуда ва тавсияҳои методии коркардшуда тасдиқ шудаанд;

- ***усулҳои муосири*** ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот зимни тартибдиҳии ҷадвалҳо, таҳияи амсилаҳо ва коркарди тавсияҳо оид ба таъмини молиякунонии сармоягузориҳои рушди саноатикунонии иқтисодиёти ҷумҳурӣ, аз ҷумла вилояти Хатлон истифода шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки:**

- **муаллиф зарурияти таъмини** молиякунонии сармоягузориҳои рушди саноатикунонии иқтисодиёти ҷумҳурӣ, аз ҷумла вилояти Хатлонро ба таври назариявӣ ва амалӣ асоснок намудааст;

- **камбудиҳои назаррасро** дар раванди таъмини молиякунонии сармоягузориҳои рушди саноатикунонии иқтисодиёти ҷумҳурӣ муайян карда, аз рӯйи муқаррароти назариявӣ, усулӣ, амалӣ ва таҷрибавӣ оид ба ташаккулу равнақи раванд ва таъмини сармоягузориҳо, аз ҷумла

шакли маърӯза ва мақолаҳо дар конференсияҳову семинарҳои илмӣ ва илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ дар давраи солҳои 2019-2024 пешниҳод ва баррасӣ шудаанд;

- **натиҷаҳо ва нуктаҳои** алоҳидаи кори диссертатсионӣ дар таҷрибаи хоҷагиҳо ва корхонаҳои комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ, аз ҷумла вилояти Хатлон дар амал татбиқ шудаанд, ки бо санадҳои мувофиқ тасдиқ гардидаанд;

**уқарраротi асосии** диссертатсия дар 10 кори илмии муаллиф, аз ҷумла дар 4 мақола дар маҷаллаҳои (нашрияҳои) тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Дар маҷлис аз 06 июли соли 2024 шурои диссертатсионӣ барои сазовор донистани Холов Абдулҳамид Мирзомадович ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз қарор қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 15 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 5 нафар оид ба тахассуси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 15 нафар узви шуро, овоз доданд: тарафдор - 15 нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раисикунадаи маҷлиси**
**шурои диссертатсионӣ, муовини**
**раиси шурои диссертатсионӣ**
**д.и.и., дотсент** **Низомов С.Ф.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Бобиев И.А.**

**06.07.2024.**